# Хулосаи

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 014
дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

Парвандаи аттестатсионии №______

қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 25.09.2021, суратҷаласаи № 13

Оид ба Олимов Дилшод Абдулхайрович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» дар шакли дастхат аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисо-диёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 (№04 аз 27.05.2021) дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№24 аз 06.06.2017) ташкил шудааст, ба ҳимоя қабул гардид.

Олимов Дилшод Абдулхайрович, соли таваллудаш 1986, Соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло, бо гирифтани тахассуси иқтисодчӣ хатм намуда, солҳои 2010 - 2018 дар вазифаҳои лаборанти кафедраи ҳисобдор, талил ва аудити факултети ҳисобдорӣ ва технологияҳои иттилоотии Донишкадаи молияи Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омор, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ факултети ҳисобдорӣ ва омор фаъолият намуда, аз соли 2018 то ҳол ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор карда истодааст.

Солҳои 2012-2015 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Институти иқтисодиёти кишоарзии (ҳоло Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ) Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар Институти иқтисодиёти кишоарзии (ҳоло Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ) Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Шарифов Зариф Раҳмонович- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

**Муқарризони расмӣ:**

Комилов Сироҷиддин Ҷамолиддинович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи Россия ва Тоҷикистон (Славянӣ).

Абдураҳимов Абдуғаффор Абдувоситович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

**Ташкилоти тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар хулосаи мусбии худ бо имзои эксперт, номзади илмҳои иқтисодӣ Шодиев Б.С. ва бо тасдиқи он аз тарафи ректори донишгоҳ, доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х., қайд менамоянд, ки кори диссертатсионии Олимов Д.А. ҷавобгӯи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

**Корҳои муҳимтарин оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1. Олимов Д.А.Самаранокии рушди соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифат /Ҷурахонзода Б.Ҷ., Олимов Д.А. //Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон.- Душанбе, 2018.- № 9.- С.114-118 [0,32 ҷ.ч. муаллиф].

2. Самтҳои такмили танзими давлати зермаҷмӯи дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон //Аудит ва менеҷмент /Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2019.- №3(3). – С. 10-16.

3. Олимов Д.А.Танзими давлатӣ ва ҳолати муосири соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон.- Душанбе, 2020.- №8.- С.203-207.

4. Олимов Д.А. Бозори маҳсулоти гӯшту шири Тоҷикистони марказӣ: ҳолати муосир ва тамолҳои рушд /Шарифов З.Р., Олимов Д.А. //Кишоварз /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.- Душанбе, 2020.- №4.- С. 135-140 [0,35 ҷ.ч. муаллиф].

5. Олимов Д.А. Омилҳои рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир дар Тоҷикистон /Олимов Д.А. //Паёми молия ва иқтисод /Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.- Душанбе, 2021.- №1(25).- С.175- 184.

***Ба автореферати диссертатсия тақриз додаанд:***

1.Доктори илмҳои иқтисодӣ Хушвахтзода Қ.Х. – профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1) Агар муаллиф шакл ва усулҳои танзими давлатиро дар зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои гӯшту шир (саҳ.13) васеътар шарҳ медод ба фоидаи кор мебуд; 2) Хуб мешуд агар муаллифи диссертатсия унсурҳои таносуби истеҳсолиро, ки дар расми 1 (саҳ.11) оварда шудааст, ба таври муфассал шарҳ медод.*

**2.** Доктори илмҳои иқтисодӣ Каримова Мавзуна Темуровна – мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1).Ба манфиати таҳқиқоти диссертатсионӣ мебуд, агар модели танзими давлатӣ дар зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гушту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (саҳ.21) дар шакли алгоритма пешниҳод карда мешуд;. 2).Муаллифи диссертатсия дар ҷамъбасти муқарраротӣ дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (расми 2., саҳ.13) шакл ва усулҳои танзими давлатӣ дар зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулотҳои гушту шир оварда аст. Хуб мешуд агар алоқамандии онҳо дар шакли мухтасар пешниҳод карда мешуд.*

**3.** Доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳимов А.М. – профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1). Алоқамандии манфиатҳои иқтисодии субъекти хоҷагидорӣ бо институтҳои давлатӣ ва бозорӣ (расми 3, саҳ.15) ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст.* 2).*Муқарраротӣ чорум, ки масъалаҳои марбут ба таҳлилу баҳодиҳи вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гушту шир ва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро дар бар мегирад, аз ҷониби муаллиф нишон дода нашудааст.*

4. Номзади илмҳои иқтисодӣ Одиназода К.С. - дотсенти кафедраи менеҷменти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар тақризи худ чунин эродҳо гирифтааст: *1). Муллиф дуруст қайд менамояд,ки истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир аз ашёи хоми чорводорӣ, ҳамзамон тафриқаи нархгузорӣ дар тағирёбии алоқаи байни соҳавӣ ва афзоиши нархҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти хӯроквории гӯшту шир, маблаггузории соҳаи чорвои гӯштӣ ва ширдеҳ, норасоии дараҷаи худтаъминкунии маҳсулоти гӯшту шир ҳалталаб мебошанд. Хуб мешуд,ки агар дар ин самт таъсири омилҳои номбаршуда бо усули мушаххас арзёбӣ ва қабули қарори муфидро дар бар мегирифт. Масалан асоснокии нарх аз ҳисоби низоми зарурии таносуб ва тавозунҳо дар шароити иқтисоди бозории минтақаҳо. 2). Таҳлил ва баҳодиҳи вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хеле муҳим пайгирӣ шудааст.Лекин муаллифро лозим буд,ки ба ин масъала аз нигоҳи ҳамкориҳои байни ташкилотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ аз тариқи тафриқавӣ ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир баҳогузорӣ менамуд.*

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси маъруфияти онҳо дар соҳаи агроиқтисодиёт, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифт. Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда дар он асос ёфтааст, ки самти фаъолияти илмии таҳқиқотӣ ва амалии воҳиди сохтории он ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ буда, ба додани тақриз розӣ мебошад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаҳои назариявию методии муайян кардани нақши давлат дар танзими истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ коркард карда шудааст;

- низоми нишондиҳандаҳои сатҳи дастгирии давлатии соҳа, таснифоти механизмҳои танзими давлатӣ дар соҳаи чорвои гӯштию ширӣ ва аниқ гардонидани самт ва шаклҳои танзими зермаҷмаҷмӯи гӯшту шир, васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи корхонаҳои ватанию хориҷӣ, имкониятҳои истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст;

- вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шудааст;

- усулҳо ва омилҳои рушд ва таҳлили механизми банақшагирии дастгирии давлатӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ муайян карда шудааст;

- амсилаи танзими давлатии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулот, муқаррар кардани роҳҳои таъмини самараноки танзими давлатӣ дар зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок мешавад, ки дар он:**

-дар диссертатсияи мазкур асоснок ва аниқ кардани ҷиҳатҳои назариявии мафҳуми «танзими давлатӣ», «механизми банақшагирӣ» ва муайян кардани қоидаҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар доираи таъмини бехатарии озуқаворӣ бо дарназардошти истифодаи иқтидорҳои табиию захиравии минтақа баррасӣ гардидааст.

-таҳқиқоти пешниҳодкардаи муаллиф оид ба қарорҳои амалӣ ва методӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми иҷрои сиёсати давлатии иқтисодӣ оид ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти кишоварзӣ қабул гардидаанд.

**Моҳияти натиҷаҳои таҳқиқот, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, дар амал бо мавридҳои зерин тасдиқ мешаванд:**

- истифодаи натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар самти коркард ва такмил додани танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ.

- Усулҳои муқарраротӣ ва тавсияҳои методӣ аз ҷониби Вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияи нав, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои гӯшту шир), мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳо дар раванди танзим ва банақшагирии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти соҳаи аграрӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд ки:**

- эътимоднокии таҳқиқот аз ҳисоби ҷалби маҳсули илмӣ –таҷрибавӣ, маълумотҳои амиқ, ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва интишори мақолаҳои илмӣ тасдиқ гардидааст.

- хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ин аст:**

- ҳамаи давраҳои таҳқиқот ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсия, махсусан интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

- муаллиф дар асоси коркарди маълумотҳои оморӣ, муайян намудани ҷиҳатҳои назариявӣ, танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, пешниҳоду тавсияҳо таҳия намудааст.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ (25.09.2021) қарори сазовор донистани Олимов Дилшод Абдулхайрович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 13 нафар, аз он ҷумла 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда. Овоз доданд: Тарафдор 13 нафар, муқобил - нест, Бюлетенҳои беэътибор - нест.

И.в. раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Набиев Т.Т.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исломов Ғ.Ҳ.